«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____________ Асрорзода У.С.
«___» _______ с.2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ҳақиқатан ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад; 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ, 4.7. Механизми стратегияи инвеститсионии пасандозҳои аҳолӣ, 4.8. Рушди муносибатҳои молиявӣ ва қабули қарорҳои молиявии сармоягузорӣ дар хоҷагии хонаводагӣ, 5.2. Асосноккунии назариявӣ ва методологии равишҳои арзёбии амвол, сармоя ва сарчашмаҳои ҷалбгардида.

2. **Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва бархурди манфитаҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон ва дигаргуншавии вазъи ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ, такмили механизмҳои молиявии он ва танзими сиёсати сармоягузории давлат дар минтақаҳо нақши муҳимро касб менамояд. Маврид ба зикр аст, ки рушди соҳаи иқтисоди иҷтимоии ин ё он минтақа аз вазъи фазои хуби сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳои дар боло зикршуд ба таври нокифоя назарияи коркардшудаи тадқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд.

Тадбирҳои механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо солҳои охир дар доираи механизми татбиқшаванда қабулгардида ба афзоиши иқтидори молиявии минтақаҳо равона карда шудаанд, вале мутаассифона, самаранокии рушди иқтисодӣ нокифоя аст. То кунун дар ҷумҳурӣ ва хусусан дар минтақаи Хатлон оид ба дарёфти роҳҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар рушди иқтисодии минтақа гузаронида нашудааст.

Зарур аст, ки самтҳои механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи афзалиятноки кишвар аз нуқтаи назари тамоми шохаҳои иқтисодиёти минтақа муайян карда шаванд.

Бо дарназардошти ин, барои вилояти Хатлон дарояндаи наздик зарур аст, ки бо назардошти ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 пешбинишуда нақшаи стратегии таҳия ва татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро таҳия намуда, дарёфти роҳҳои асосии баланд бардоштани таъминони сармоявии иқтисоди минтақаро тавассути сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ тақвият дода, ба дараҷаи кофӣ расонад.

Маврид ба зикр аст, ки солҳои охир қариб 90 % лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ мешаванд, ки вобаста ба имкониятҳои минтақаҳо ҳоло ҳам нокифоя мебошад. Бо дарназардошти ин, дар марҳилаи кунунии рушд, дар назди давлат ба сифати масъалаи мубрам афзоиши захираҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо, махсусан дар бахшҳои воқеъии иқтисоди миллӣ метавонад, ки ин барои рушди устувори иқтисодӣ дарояндаи мусоидат менамояд. Дар баробари он, механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ аз неруи сармоягузорӣ, имконияти минтақаҳо ва воситаҳои худии субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста мебошад. Дар чунин шароит такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар асосӣ таҳлили сабабҳое, ки динамикаи фаъолияти сармоягузориро дар вилоят ва мамлакат муайян месозад, зарур мебошад.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович кори анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти муосир муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо).**

Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хело саҳеҳ тавсиф медиҳанд, чунинанд:

- ❖ дар рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявии мафҳум ва моҳияти сармоягузорӣ муайян гардида, хусусиятҳои сармоягузорӣ ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ ва унсурҳои фаъолияти сармоягузорӣ муқаррар гардида, таҳқиқ ва мавқеи онҳо дар шаклгирӣ ва тараққии иқтисодиёти кишвар ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он тақвият бахшида шуданд;
- ❖ дар натиҷаи таҳқиқот хусусиятҳои хоси механизми молиякунонии таъмини сармоягузориҳо бо назардошти қоидаву омилҳои объективию субъективии ба равнақи иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсиркунанда ошкор

карда шудааст. Инчунин, натиҷагирӣ карда шудааст, ки баҳисобгирии онҳо ба таҳия ва амалисозии барнома ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонад таъсири мусбӣ расонад, ки бо назари мо дарвоқеъ қобили қабул аст;

❖ вобаста ба ҳолати имрӯза дар асоси таҳлили гузаронида аз тарафи диссертант натиҷагирӣ карда шудааст, ки арзёбии ҷамъбастӣ ва оқибатҳои амалигардонии усулҳо ва фишангҳои идоракунии ҷараёнҳо, фаъолиятҳо ва фишангу механизмҳои молиякунонии инвеститсияҳои ба тараққиёти иқтисоди ҷумҳурӣ ва субъектҳои маъмурию ҳудудии он мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки ҳолат, тараққӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо ва хоҷагиҳои ҳар як минтақа, аз ҷумла вилояти Хатлон аз вазъи молиявии онҳо ва мавҷудияту истифодаи самаранокии сармоягузориҳо вобаста аст;

❖ дар диссертатсия дар асоси таҳқиқ асоснок карда шудааст, ки самтҳои асосии такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон бо назардошти рушди ҳамкориҳои давлату бахши хусусӣ, роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дурнамои таъмини сармоягузориҳо ба рушди иқтисодиёти минтақа вобастагии калон дорад;

❖ аз тарафи муҳаққиқ сармоягузориҳо ба рушди иқтисодиёти минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ғайр аз ин бо назардошти истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар заминаи такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он ва тарҳрезии рушди равандҳои иқтисодӣ аз тарафи муаллиф дар 10 ҳудудҳои маъмурию ҳудудӣ, бахусус вилояти Хатлон баҳисобгирӣ ва дурнамо шудааст;

❖ дар рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ пешниҳод карда шудааст, ки бо истифодаи пойгоҳи таҷрибаи хориҷӣ такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлон ба роҳ монда шавад. Муҳаққиқ ба он назар аст, ки он имкон медиҳад низомҳои мавҷудаи сармоягузории минтақаҳо дар асоси истифодаи равишҳои муосир, баландбардории нуфуз ва фаъолии сармоягузории корхонаҳо ва хоҷагиҳои минтақа оварда расонад.

**4. Асоснокӣ ва этимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:** Дараҷаи этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода мешаванд, этимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқарраароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои беҳтаргадонии кори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳамчун асосҳои усулӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки муқаррароти илмӣ оид ба беҳтаргардонии кори механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он тақвият дода шудааст. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии «Сармоягузорӣ», «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», «Молияи давлатӣ», «Молия», «Идоракунии қарзи давлатӣ» дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти минтақавию маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ҳангоми асосноккунии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо, ҷалб ва ҷойгиркунонии сармоягузориҳо, ҳамчунин мавриди мониторинги фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он, аз ҷумла вилояти Хатлон метавонанд истифода намоянд.

**6.Мазмуни кори диссертатсионӣ:**

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию услубии таҳқиқи механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ» ном гирифта, дар он ҷанбаҳои назариявию услубии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ, қоидаҳо ва хусусиятҳою омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахш, таҷрибаи хориҷии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ ва имконоти истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, пешниҳодҳои ҳадафманд оварда шудааст (саҳ. 15-63).

Дар зербоби 1.1-и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки аз соҳибистиқлол гардидани кишвар то ҳол фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт нақши назаррас дорад. Ҳангоми соҳибистиқлол гардидани ҳар як давлат барои пешравии иқтисодиёт санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии стратегӣ қабул менамояд, ки онҳо фазо, қоидаҳо ва манфиатҳои рушди иқтисодиёти кишварро муаррифӣ менамоянд. Махсусан, дар замони гузариш аз як

низом ба низоми дигар ислоҳоти гуногун гузаронидан лозим меояд. Умуман, дар марҳилаи гузариш ҳар як давлат дар ҳолати нокифоя будани маблағҳои худӣ кӯшиш менамояд, ки бо мақсади рушди иқтисоди давлат таваҷҷуҳи сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷиро ҳарчи зиёдтар ба риштаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ равона созад. Давлатро зарур аст, ки дар ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба сифати замонатдиҳандаи асосӣ баромад кунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳайё намудани шароити мусоид оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ соли 1992 қонунро "Дар бораи сармоягузории хориҷӣ" қабул кард. Бояд ёдовар шуд, ки баъди истиқлолият ба даст овардани кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" аз 25.04.2007, № 545 дар таҳрири нав қабул гардид. Пас аз гузашти чанд сол рушди ин соҳаи зарурии ҷумҳурӣ бо тағйироту иловаҳо дар ин қонун боз қонуни нав «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, тахти №1299 қабул карда шуд (сах 30).

Дар зербоби 1.2. диссертант зикр менамояд, ки сармоягузорӣ намудан дар пешрафти иқтисодиёт ва қаламравҳои маъмурию марзии он, сараввал ба омӯзиши принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳои зарурӣ ниёз дорад, зеро аз рӯйи ин принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳо дар ҳар як минтақа фаъолияти сармоягузорӣ анҷом дода мешавад. Сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳим дар рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва вилояту минтақаҳои онҳо бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Барои рушду пешравии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он монеаҳои зиёд вуҷуд дорад. Бояд зикр намуд, ки мо ҳамаи минтақаро минтақаҳои мушкилотдор гуфта наметавонем, зеро минтақаҳои мушкилотдор ҳамон минтақаҳо баҳисоб меравindependent, ки аз ҳал намудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худ мустақилона набаромада, ба дастгириҳои давлатӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамин тавр, минтақаҳои мушкилотдошта, боз ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: касодшуда, сусттараққикарда, бухронӣ. Барои сармоягузорӣ намудан дар ҳар вилоят ё минтақа вижагиҳои хоси онро омӯхтан лозим меояд, то ин ки ҳангоми сармоягузорӣ намудан дар минтақа мушкилоти зиёд ба вуҷуд наояд. Пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои маъмурию ҳудудии он бояд аввалан тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро муайян намуд. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо ду шакли асосӣ ҷудо карда мешавад: шакли ҳудудӣ ва шакли соҳавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (саҳ.46).

Дар зербоби 1.3. муҳаққиқ зимни таҳқиқоти худ бар он назар аст, ки ҷиҳати бартарафсозии норасоиву камбудиҳо ва мусоидат ба сатҳи самаранокӣ барои сармоягузорӣ намудан дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон бояд аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бо методи бисёр зарурӣ ва механизмҳои асосии ҷалби сармоягузор истифода карда шавад. Ин сармоягузоронро ҳавасманд карда, ба сатҳи иҷтимоии аҳолӣ кумак мерасонад. Барои гирифтани таҷрибаи зарурӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ ва истифода намудани онро дар минтақаҳои вилояти

Хатлон мо таҷрибаи кишварҳои ҶМЧ, ИМА, Ҷопон, Олмон, Австралия, Финландия ва Фаронса, Канада, Испания, Кореяи Ҷанубӣ, Британияи Кабирро дар дисертатсия дарҷ намудаст. Истифода намудани ин таҷрибаҳо дар ҳар як кишварҳои болозикр мухталиф мебошад. Масалан, дар бисёр аз кишварҳои Аврупо банақшагирии давлатии буҷетию саромоягузорӣ дар онҳо барои аз 2 то 10 сол таҳия карда шуда, нақшаи сармоягузорӣ дар он коркард мешавад. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки давлат ҳамчун ширкаткунанда дар раванди сармоягузорӣ баҳисоб рафта, мақсади он ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Дар бисёр аз мамлакатҳои ҷаҳон дар қонунгузориҳояшон вобаста ба сармоягузорӣ имтиёзҳо барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешниҳод мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имтиёзҳо барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ муайян карда шудааст. Иштироки давлат дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва имтиёзҳо пешниҳод кардан ба онҳо мебошад. Дар натиҷаи кам гардидани захираҳои дохили кишвар сармоягузорони хориҷиро ҷалб намуда, ба онҳо шароит фароҳам меорад (саҳ.63).

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон» унвон гирифта, дар он таҳлили вазъи муосири сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва буриши минтақаҳои он, арзёбии самаранокии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, баҳодиҳии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар иқтисодиёти вилояти Хатлон таҳлил гардида. натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудааст (саҳ.64-107).

Дар зербоби 2.1. диссертатсия муаллиф ҳангоми таҳлил қайд намудааст, ки дар соли 2021 дараҷаи таваррум ба 8% расид ва ин назар ба соли 2020 (9,4 %) 1,4 банди фоизӣ поин аст. Беқурбшавӣ дар ҷумҳурӣ ба сабаби 7,3% баландшавии нархҳои маҳсулоти хӯрока, 7,5% молҳои ғайрихӯрока ва 11,3% тарофаҳои хидматгузории пулакӣ ба амал омадааст. Дар давраи таҳлил ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард 16,3% , саноати истихроҷ 1,5 маротиб, таъмини неруи барқ, газ, буғ 15,2% ва таъминоти об, софкорӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дубора 9,2% зиёд гардид, ин ҳама рушди соҳаи саноатро таъмин намуданд. Тавлиди неруи барқ дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 20623,8 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 853,3 млн кВт. соат ё 4,3% зиёд таъмин гардид. Дар соли 2021 истеҳсоли МУК 39,8 млрд сомониро ташкил дод, ки назар ба ба соли 2020 ба ҳисоби миёна 6,6% зиёд буд, аз ҷумла соҳаи рустанипарварӣ 5,9% ва чорводорӣ 8,4% рушд карданд. Аз 78 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соли 2022 39-тои он лоиҳаи грантӣ буда, 7 лоиҳа қарзӣ ва 32 лоиҳаи дигар маблағгузории қарз ва грант мебошанд. Маблағи умумии лоиҳаҳои мазкур 42 млрд сомонӣ (3,7 млрд доллар)-ро ташкил додааст. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаҳои мазкур аз оғоз ба амал то 01.01.2022 15,4 млрд сомонӣ (1,3 млрд доллар) маблағ азхуд гардидааст. Азхудкунии

маблағҳо дар соли 2021 5,4 млрд сомониро (481,2 млн доллар) ташкил дода, дар маҷмуъ ба 96% нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар аст. Мутобиқи омори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба ҷумҳурӣ 2576,8 млн доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида буд, ки назар ба соли 2021 1858,5 млн доллари ИМА ( 2,9 маротиба) зиёд буд. Сармояи умумии хориҷие, ки соли 2022 2576,8 млн долларро ташкил дода буд, аз он 618.4 млн доллар сармояҳои мустақим, 1 958.2 млн доллар дигар сармояҳо мебошад. Сармояи мустақим дар кишвар дар ҳамин давра 618.4 млн доллари ИМА (89,2 %) ва дигар навъи инвеститсияҳо 1 958.2 млн доллари ИМА ( 5,1%) зиёд гардидааст. Сармояҳои мустақим асосан ба соҳаҳои истихроҷи маъдан дар ҳаҷми 57,2%, саноати коркард дар ҳаҷми 16,9%, сохтмон дар ҳаҷми 7,7% ва ба дигар соҳаҳо дар ҳаҷми 0,6% равона карда шудаанд ( саҳ.65).

Дар зербоби 2.2. ҳангоми таҳлил диссертант таҳлил кардааст, ки сармоягузориҳои хориҷӣ барои минтақаҳои вилояти Хатлон яке аз роҳҳои асосӣ барои рушд додани соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи сарчашмаҳои оморӣ дар соли 2022 175 корхона ва коргоҳи пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳи дӯзандагӣ ва 6 корхонаи ресандагӣ фаъолият дошта, калонтарин корхонаҳо дар ин вилоят ҶДММ «Водии Заррин» дар ноҳияи Хуросон, ҶДММ «Ҷунтай моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, ҶС «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил" дар ноҳияи Данғара мебошанд. Дар вилоят аз рӯзи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол сохтмон ва азнавсозии зиёда аз 450 адад иншооти дорои аҳаммияти давлатӣ сурат гирифтааст, аз ҷумла: азнавсозии шоҳроҳи Душанбе - Бохтар, Кӯлоб –Муъминобод, Кӯлоб - Ш.Шоҳин, Кӯлоб - Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон бо ҳам мепайвандад, анҷом ва ба истифода дода шуданд. (сах.77). Аз таҳлилҳои ҷадвали 2.5 маълум мешавад, ки МММ дар соли 2022 33832,1 млн сомониро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2018 197,7% зиёд гардид. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолии вилояти Хатлон дар соли 2022 9584,2 ҳазор сомонӣ рост меояд, ки дар қиёс бо соли 2018 183,4% боло рафтааст. Сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлон соли 2022 1,7%-ро ташкил дода, теъдоди миёнаи ашхоси машғули кор дар иқтисодиёт дар давоми соли 2022 489,7 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 107,2% зиёд аст. Даромади буҷети вилоят дар соли охири таҳлил ба 24890059,0 млн сомонӣ баробар шуд, ки назар ба соли аввали таҳлил 160,4 % зиёд буд.МММ соли 2022 ба 33832,1 сомонӣ расид, ки афзоиши он назар ба соли 2018 197,7 фоизро ташкил дод. Андозаи миёнаи нафақаи моҳона дар вилоят соли 2022 385,19 сомонӣ ё 129,8 фоиз зиёд шудааст. Шумораи нафақагирон дар вилоят соли 2022 271 ҳазор нафарро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 112,9% зиёд гардид (сах 79-80).

Дар зербоби 2.3. муаллиф пешниҳод мекунад, ки рушди босуботи иқтисодиёти вилояти Хатлон аз ташаккулёбии сиёсати сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити муосири иқтисодӣ тараққиёти давлат ва субъекҳои асосии он танзими равандҳои сармоягузорӣ тавассути механизмҳои молиявӣ вобастагӣ дорад. Давлат дар равандҳои танзими сармоягузорӣ иштирок намуда, ба воситаи механизмҳои гуногун ва пеш аз ҳама механизми молиявӣ нақши ҳавасмандгардониро дорад. Кишвар дар фаъолияти сармоягузорӣ барои танзим ва ҳавасманд гардонидан ҳам ба воситаи бахши давлатии иқтисодиёт ва ҳам ба воситаи институтҳои қарзию молиявӣ иштирок карда, ба раванди сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Раванди пешрафти таъмини молиявии сармоягузорӣ дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ таҳти назорати ҷиддии ниҳодҳои бозори молиявӣ, қабл аз ҳама, бонкҳо қарор гирифтааст. Ин ниҳодҳо имкони ҳаракати озод ва азнавтақсимкунии сармояро фароҳам меоранд, дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ фаъолона иштирок мекунанд ва хидматҳои гуногуни молиявӣ мерасонанд. Консепсияи истеҳсолот, фаъолият ва рушди муҳити рақобатпазирӣ, пешрафти технологияи иттилоотӣ, гуногунфаъолиятӣ (диверсификатсия) - и корхонаҳо ва низ рушди байналмилалии ҳаёти иқтисодӣ ба дигаргуншавии бахшҳои бонкӣ ва молиявӣ таъсири назаррас расонида, омилҳои асосии таҳаввулоти сармояи молияviro муайян карданд (саҳ.95).

Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои такмили механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон» ном гирифта, дар он рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон, роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон, тарҳрезии модули дурнамои механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд (саҳ.108-156).

Дар зербоби 3.1. муаллиф исбот кардааст, ки хизматрасониҳои пулакӣ ҳамагӣ дар соли 2022 2327025,6 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нишондод назар ба соли аввали таҳлил 640299 ҳазор сомонӣ ё 37,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳама намудҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолии вилоят соли 2022 расонида шуд, аз рӯйи корхонаҳои бақайдгирифташуда буда, инҳо аз қабили хизматрасонии маишӣ, 1436720,1 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии нақлиёти мусофирбар, 135091,9 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии алоқа, 12419,6 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ 21122,6 ҳазор сомонӣ, хизматрасонии фарҳанг 762,8 ҳазор сомонӣ, хизмати санаторию истироҳатгоҳҳо 165,0 ҳазор сомонӣ, системаи маориф 324991,7 ҳазор сомонӣ хизматрасонии тиббӣ 132595,3 ҳазор сомонӣ, хизмати ҳуқуқӣ ва бонкӣ 138155,5 ҳазор сомонӣ, ва дигар намуди хизматрасониҳо бошад, 125001,1 ҳазор сомониро ташкил намуд (саҳ. 111).

Дар зербоби 3.2. ҳангоми таҳлили ҷадвали 3.6 муаллифи диссертатсия исбот кардааст, ки дар солҳои 2018 644,5 млн доллари ИМА, 2019, 2020, 2021 мутаносибан ба солҳо 607,0; 428,4; 718,3; млн доллари ИМА-ро ташкил додааст. Дар соли 2022 бошад, ин воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 2576,8 млн доллари ИМА - ро ташкил дод, ки ин дар қиёс бо соли 2018 1,9 млн доллари ИМА зиёд шуд. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 01.01.21 чунин тақсимот дорад: ш. Душанбе - 39,9 % (64,9 млн. доллари ИМА); Вилояти Суғд - 49 % ( 79,6 млн. доллари ИМА); Вилояти Хатлон -9,0 % ( 14,7 млн доллари ИМА); Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1,0 % ( 1,6 млн доллари ИМА); НТҶ - 1,1 % ( 1,8 млн доллари ИМА) (саҳ. 122).

Дар зербоби 3.3. диссертатсия зимни таҳлили натиҷаи дурнамои сармоягузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон бармеояд, ки бештар аз ҳама дар соҳаи энергетика то соли 2030 талабот ба сармоягузорӣ зиёд гардида, 106312,8 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод, нишондиҳандаи мазкур барои соҳаи нақлиёт 73,7%, кишоварзӣ 33,8%, обёрикунӣ 39%, маориф 6,2 %, тандурустӣ 60,8 % сармоягузорӣ афзоиш меёбад. Аз ин хотир, тавсия ва пешниҳодоти дар диссертатсия оид ба ҷалбу ҷустуҷӯи сарчашмаҳои сармоягузориҳо ва такмили механизми таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисоди вилояти Хатлон метавонанд дар маҷмуъ ба беҳбудии вазъият дар ин самт мусоидат намояд.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Зербоби 1.2. “Қоидаҳо ва хусусиятҳою омилҳои ба сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таъсирбахш” номгузорӣ карда шудааст, аммо вобаста ба омилҳои ба рушди фаъолияти сармоягузорон таъсирасон дар намуди мушаххас оварда нашудааст;
2. Диссертант барои омухтани асосҳои илмию назариявии сармоягузориҳои хориҷӣ ва механизми сармоягузориҳо бояд бештар ба ақидаи олимони ватанӣ такя менамуд, зеро дар кори мазкур ақидаҳои олимони ватанӣ кам мушоҳида мерасад;
3. Диссертант дар зербоби 2.2. оид ба арзёбии самаранокии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон сармоягузоришударо аз рӯйи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷадвали 2.7 овардааст, аммо сармоягузориҳои дар соҳаҳои варзиш ва фарҳанг шударо нишон медод боз ҳам сифати кор хубтар мешуд;

4. Дар зербоби 2.1. “Таҳлили вазъи муосири сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва буриши минтақаҳои он” оварда шудааст, аммо дар ягон ҷадвал вобаста ба ҳаҷми сармоягузориҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон маълумот оварда нашудааст;

5. Диссертант дар зербоби 3.2. “Роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Хатлон” оварда шудааст, аммо вобаста ба ин зербоб роҳҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар шакли мушаххас нишон дода нашудааст.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд.

Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, катъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани карорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои гакризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 23 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризашавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқикро пурра тавсиф менамояд. Авторефсрат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабъррасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 23 мақола, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ таҳқиқоти дисссртатсионии Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳкикшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Раҳматов Умед Раҷабович

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои молия, менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №5/А аз 20.12.2024).

Дар ҷаласа 15 - нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф»-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Алишоев Х.Ҳ.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Имомзода М.Қ.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Хидиралиев Р.З.

Имзоҳои н.и.и., дотсент Алишоев Х.Ҳ. Имомзода М.Қ. ва Хидиралиев Р.З.-ро тасдиқ менамоям, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, х.Борбад, 48/5
Тел: 992 (37) 234-88-02
E-mail: info@iutet.tj
Сомона: www. iutet.tj